**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1Тел: +992 37 235 35 66, Факс: +992 37 235 35 66E-mail: mewr@mewr.tj, Web: www.mewr.tj


ФАРМОИШ

аз «14» 06 соли 2023 №34 ш. Душанбе

Дар бораи Дастурҳои методӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об

210.030.020

Мутобиқи банди 2 Тартиби таҳия, тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, № 680 тасдиқ шудааст ва сархати дуюми банди 5 Низомномаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №149 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурҳои методӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Фармоишҳои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, № 53 «Дар бораи тасдиқ намудани дастурамали методӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идраракунии захираҳои об» ва аз 1 декабри соли 2022, № 47 «Дар бораи дастурҳои методӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об» аз эътибор соқит дониста шаванд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир вогузор карда шавад.

Вазир Далер Ҷумъа

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.2023

Бо фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2023, № 34 тасдиқ шудааст

Дастурҳои методӣ
оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурҳои методӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об (минбаъд - Дастури методӣ) талаботро нисбат ба сохтори лоиҳаи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об, таркиб ва пайдарҳамии амалиётҳо оид ба таҳия, тасдиқ ва татбиқи онҳо, ворид кардани тағийрот ба нақшаҳои мазкурро муайян месозад.

2. Нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об (минбаъд- Нақшаҳо) бо мақсади зерин таҳия карда мешаванд:

- муқаррар кардани сарбории ҷоизи антропогенӣ ба объектҳои об;
- муайян кардани талабот ба захираҳои об дар оянда;
- таъмини ҳифзи объектҳои об;
- муқаррар кардани самтҳои асосии фаъолият оид ба пешгирии таъсири манфии об.

3. Дар Дастури методӣ истилоҳ ва мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

– минтақаи ҳавзавӣ – ҳудуди ҷуғрофии ташаккулёбии захираҳои об, ки бо сарҳадҳои ҳавзаи обҷамъкунӣ муайян гардида, обҳои рӯйизаминӣ ва макони умумии резиши онҳоро дар бар мегирад;

– объекти об - махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд;

– низом (реҷа)-и об - тағйир ёфтани сатҳ, масраф ва ҳаҷми об бо мурури замон дар объекти об;

– захираҳои об - обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминие, ки дар фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолият истифода мешаванд ё истифода шуда метавонанд;

– минтақаи муҳофизати об – ҳудуде, ки ба хатти соҳили баҳрҳо, дарёҳо, сойҳо, каналҳо, кӯлҳо, обанборҳо ҳамшафат буда, дар он низоми

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.20 23

махсуси татбиқи фаъолияти хоҷагӣ ва фаъолияти дигар бо мақсади пешгирии ифлосшавӣ, олудашавӣ, лоиқанокшавии объектҳои зиркгардидаи обӣ ва камшавии оби онҳо, инчунин нигоҳ доштани муҳити зисти захираҳои биологии обӣ ва объектҳои дигари олами ҳайвонот ва наботот муқаррар карда мешавад;

– истифодабарандаи об - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки обро бо тартиби муқарраргардида барои эҳтиёҷоти худ мегирад;

– тавозуни хоҷагии об – аз нигоҳи оморӣ мавҷудият ва дараҷаи истифодаи захираҳои обро арзёбӣ менамояд, вобаста ба ҳавзаҳои дарёҳо, зерҳавзаҳои дарёҳо, қитъаҳои хоҷагии об ва каналҳои калон тартиб дода мешавад;

– низоми хоҷагии об – маҷмуи иншооти хоҷагии оби ба ҳам пайваст, ки барои таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об пешбинӣ шудааст;

– қитъаи хоҷагии об – қисми ҳавзаи дарё, ки тавсифи имкониятдиҳандаи муайян намудани меъёр (лимит)-и ҷамъоварии захираҳои об аз объекти об ва нишондиҳандаҳои дигари истифодаи объекти обро доро мебошад;

– мониторинги давлатии объектҳои об – низоми мушоҳида, баҳодиҳӣ ва пешгӯйии тағйири ҳолати объектҳои об;

– низоми миллии иттилооти об - маҷмааи мураттаби маълумоти ҳуҷҷатгузоришуда дар бораи объектҳои об, истифодабарии онҳо, ҳавзаҳои дарё, минтақаҳои ҳавзавӣ;

– истифодаи объектҳои об – истифодаи объектҳои об бо усулҳои гуногун барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– коҳишёбии обҳо — камшавии мунтазами захираҳои обӣ ва бад гардидани сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ;

– таъсири манфии обҳо — шусташавӣ, фарсоиш (эрозия), зериобмонӣ, вайроншавии соҳилҳои объектҳои об, ботлоқшавӣ ва дигар таъсири манфӣ ба ҳудуди муайян ва объектҳо;

– ҳавзаи дарё – ҳудуди ҷуғрофии ташаккулёбии захираҳои об, ки бо сарҳадҳои ҳавзаи обҷамъкунӣ муайян гардида, обҳои рӯйизаминӣ ва макони умумии резиши онҳоро дар бар мегирад;

– мониторинги иҷтимоию гигиенӣ - низоми давлатии мушоҳидаи саломатии аҳолӣ ва муҳити зист, таҳлили он, баҳодиҳӣ ва пешгӯйӣ, инчунин муайян сохтани алоқамандии сабабиву натиҷавӣ байни вазъи саломатии аҳолӣ ва таъсири омилҳои муҳити зист;

– обҳои партов – обҳо ва боришоти атмосферӣ, ки хосияташон дар натиҷаи фаъолияти инсон бад гардидааст ва аз ҳудуди корхонаҳои саноатӣ, заминҳои кишоварзӣ ва маҳалҳои аҳолинишин тавассути шабакаи рафъи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.20 23

обҳои партов, заҳкаш ва ё тариқи худҷорӣ ба ҳавзобаҳо партофта мешаванд.

4. Ҳадафи асосии таҳияи Нақшаҳо таъсис додани воситаҳои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи сифати оби объектҳои оби ҳавзаи дарёҳо, ки бо нақшаҳо муқаррар карда шудааст ва паст кардани оқибатҳои манфии обхезӣ ва намудҳои дигари таъсири манфии об мебошад.

5. Маводди Нақшаҳо барои корҳои зайл пешбинӣ шудаанд:

– банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об дар доираи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ, барномаҳои ҳадафноки давлатӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва идоравӣ;

– таҳияи нақшаҳои вилоятӣ ва ноҳиявии чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об;

– танзими истифодабарии об, аз он ҷумла муайян кардани ҳаҷми ҷоизии гирифтани захираҳои об, хаҷми обҳои партов ва ё заҳобҳо.

6. Нақшаҳо барои ҳавзаҳои дарёҳое таҳия карда мешаванд, ки пурра ё қисман дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд.

7. Таҳияи навбатии Нақшаҳо мутобиқи ҷадвали таҳияи онҳо, ки аз тарафи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва тасдиқ шудааст, бо назардошти принсипҳои зерин муқаррар карда мешавад:

– баҳисобгирии вазъи хоҷагии об дар сарҳадҳои ҳавзаҳои дахлдори дарёҳо;

– мухлатҳои таҳия, мувофиқа ва тасдиқи Нақшаҳо;

– баҳисобгирии маблағи воситаҳои буҷети давлатӣ ва грантӣ, ки барои таҳияи нақшаҳо ҷудо карда мешаванд.

8. Ҷадвали таҳияи Нақша мунтазам (ҳар 5 сол) мутобиқи рафти татбиқи он, тағийр ёфтани имкониятҳои маблағгузории корҳо ва ба вуқуъ омадани вазифаю ҳадафҳои нав ислоҳ карда мешавад.

9. Ҷадвали таҳияи Нақшаҳо, иттилоот дар бораи оғоз ва рафти таҳияи нақшаҳои ҳавзаҳои мушахасси дарёҳо, инчунин маводди нақшаҳои тасдиқгардида дар сомонаҳои расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори минтақавии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд.

10. Нақшаҳо ба мухлати на камтар аз 5 сол таҳия карда шуда, бояд чунин нишондодҳоро дар бар гиранд:

– нишондиҳандаҳои ҳадафноки сифати об дар объектҳои об;

– маҳдудият (ҳаҷми маҳдудият)-и гирифтани захираҳои об аз объекти об ва маҳдудият (ҳаҷми маҳдудият)-и партови обҳои партов, ки ба

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

меъёрҳои сифат мувофиқанд ва барои ҳар як вилоят, ноҳия ва шаҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд;

– нишондихандаҳои ҳадафноки асосии паст кардани оқибатҳои зараровари обхезӣ ва намудҳои дигари таъсири манфии об;

– номгӯйи чорабиниҳои хоҷагии об ва чорабиниҳое, ки ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои об равона карда шудаанд;

– таъмин кардани кори устувори сохтори хоҷагии об дар сарҳадҳои ҳавзаи дарёҳо ва ноил гардидан ба нишондиҳандахои ҳадафноки сифати об дар объектҳои об.

11. Ҳаҷми эҳтимолии захираҳои молиявӣ, ки барои татбиқи Нақшаҳо зарур мебошанд, тибқи марҳилаҳои давомнокии ҳар яке 5 сол муқаррар карда мешаванд.

12. Ҳангоми таҳияи нақшаҳо бояд ба инобат гирифта шаванд:

– пешгӯйии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт, дар вилоятҳо;

– нақшаҳои тасдиқшудаи банақшагирии рушди ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳуҷҷатҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ оид ба банақшагирии рушди минтақаҳои саноатӣ, нуқтаҳои аҳолинишин, рушди инфрасохтори нақлиёт, ки дар оғози таҳияи Нақшаҳо амал мекунанд;

– азнавсозӣ ва рушди кишоварзӣ, ташкили минтақаҳои азнавтаъсисдода ва ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда, нақшаҳо ва барномаҳои чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об, инчунин чорабиниҳо оид ба ҳифз аз таъсири манфии об;

– муқаррароти шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодабарии муштараки ва ҳифзи объектҳои оби байнидавлатӣ (барои объектҳои оби байнидавлатие, ки Нақша дар бар мегирад).

13. Асоси иттилоотии таҳияи нақшаҳо ин маълумотҳои низоми миллии иттилоотии об ва мониторинги давлатии объектҳои об мебошанд.

14. Нақшаҳо дар асоси геоиттилоот мутобиқи талаботи техникӣ ва воситаҳои барномавии пешбурди қабатҳои асосҳои рақамии харитакашӣ таҳия карда мешаванд.

15. Ҳуҷҷатгузории маълумоти мавҷуда, ки ба таркиби нақшаҳо дохил мешаванд, дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҳангоми мувофиқат накардани қайдҳо дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ афзалият ба қайдҳо дар ҳомили коғазӣ дода мешавад.

16. Муносибат ба маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил мекунад, ҳангоми омодасозӣ, мувофиқа, тасдиқ кардани нақшаҳо, инчунин анҷом додани чорабиниҳое, ки ба таркиби он дохил мешаванд, мутобиқи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри давлатӣ сурат мегирад.

17. Дар таркиби нақшаҳо низоми индикаторҳои ададӣ (шуморавӣ) барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҳадафноке, ки Нақша муқаррар кардааст ва барномаи мониторинги татбиқи чорабиниҳои Нақша таҳия карда мешаванд.

18. Ислоҳоти Нақша дар асоси натиҷаҳои мониторинги татбиқи он на камтар аз як маротиба дар 5 сол сурат мегирад.

## 2. МАРҲИЛА ВА САРЧАШМАҲОИ ТАҲИЯИ НАҚШАҲО

19. Таҳияи Нақшаҳо марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҷамъоварӣ, коркарди нахустин ва таҳлили маълумоти ибтидоӣ;
- ошкор кардан ва ба тартиб даровардани мушкилиҳо тибқи аҳаммиятнокиашон, истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои об, мавҷудияти захираҳои об, дастрасии онҳо барои истифодабарӣ, эҳтимолияти таъсири манфии обҳо;
- пешниҳоди мақсадҳои асосӣ, баҳодиҳии ноилшавӣ ба онҳо дар давраи татбиқи Нақша, муайян кардани нишондиҳандаҳои ҳадафноки асосӣ;
- муайянкунии намудҳои эҳтимолии чорабиниҳо, ки марҳила ба марҳила имконияти ноилшавиро ба нишондодҳои ҳадафноки асосӣ медиҳанд;
- арзёбии иҷтимоию иқтисодии татбиқи намудҳои эҳтимолии чорабиниҳо;
- интихоби намудҳои чорабиниҳо барои татбиқ, муайянкунии ниҳоии муқаррароти Нақша, марҳилаҳои иҷрои он, индикаторҳои ноилшавии нишондиҳандаҳои ҳадафноки асосӣ ва барномаи мониторинги рафти татбиқи Нақша.

20. Дар марҳилаи якум ҷамъоварӣ, коркарди нахустин ва таҳлили маълумоти ибтидоӣ анҷом меёбад, ки барои ошкор кардан ва ба тартиб даровардани мушкилиҳои идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қароргирифта зарур мебошад, ҷамъоварии иттилооти дигари тасвирӣ ва арзёбии хусусияти хислатҳо ва мушкилиҳои ҳавзаи дарё гузаронда мешавад.

21. Дар ҳудуди ҳавзаи дарё, ки барои он Нақша таҳия карда мешавад, шумораи ниҳоии объектҳои табиӣ ва сунъии об, ки нисбати онҳо арзёбии сарбории антропогенӣ ва зарарҳои эҳтимолӣ аз таъсири манфии об сурат мегирад, қайд карда мешаванд.

22. Бо мақсади арзёбии ҳолати ҷории объектҳои обӣ, омилҳои асосии табиие, ки ба ҳолати мазкур таъсир мерасонанд, мавҷудият ва дастрасии объектҳои об барои истифодабарӣ, эҳтимолияти фарорасии ҳодисаҳои

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.2023

табиӣ, ки обхезӣ, хушкӣ ва намудҳои дигари таъсири манфии обро ба вуқуъ меоваранд, ҷамъоварии иттилооти физикию географӣ, гидрологӣ, гидрогеологӣ ва гидрометеорологӣ оид ба обҷамъгоҳ ва объектҳои обии ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда гузаронда мешавад, аз он ҷумла:

–тавсифи релеф ва ландшафти ҳавзаи дарё (маводди харитакашӣ, шабакаи дарё, минтақаи ҷангалзор, кӯлҳо, ботлоқҳо, навъҳои хок);

–дараҷаи омӯхтагии гидрологӣ ва гидрогеологии ҳавзаи дарё (шабакаи мавҷудаи мушоҳидавӣ, дидбонгоҳҳои каблан ҷойдошта, параметрҳои мушоҳидашуда, муттасилӣ ва давраҳои мушоҳидаҳо);

–тавсифи асосии гидрологӣ ва морфометрӣ (барои объектҳои обии рӯизаминӣ) ва гидрогеологӣ (барои объектҳои обии зеризаминӣ);

–тавсифи гидрокимиёвӣ ва гидробиологии объектҳои об;

–тавсифи гидрометеорологӣ (боришот, бухоршавии об, ҳарорат ва намии ҳаво).

23. Сарчашмаҳои иттилооти физикию географӣ, гидрологӣ, гидрогеологӣ ва гидрометеорологӣ оид ба обҷамъоварӣ ва объектҳои обии ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда инҳоянд:

– низоми миллии иттилоотии об;

– кадастри давлатии об;

– кадастри давлатии замин;

– махзани маълумоти мониторинги объектҳои об тибқи минтақаҳои ҳавзавӣ, ҳавзаҳои дарё, қитъаҳои хоҷагии об, ҳудудҳои вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– махзани маълумоти мониторинги объектҳои оби зеризаминӣ (дар сурати мавҷуд набудани чунин иттилоот дар махзани маълумоти мониторинги объектҳои об);

– фондҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии харитакашию геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– маълумот дар бораи ҳолати ҷории шабакаи мушоҳидавии такягоҳии давлатӣ;

– маълумот дар бораи ҳолати ҷории шабакаи мушоҳидавии такягоҳии идоравӣ, ки барои пешбурди мониторинги обҳои зеризаминӣ бо дар назар доштани мониторинги давлатии ҳолати қаъри замин пешбинӣ шудааст;

– натиҷаҳои корҳои каблан анҷомдодани кашшофӣ ва илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши ҳудуди майдонҳои обҷамъшаванда ва объектҳои обии ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда.

24. Бо мақсади баҳодиҳии сарбории антропогенӣ, ошкор кардани сабаб ва сарчашмаҳои ифлосшавии объектҳои об дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ, коркарди нишондиҳандаҳои ҳадафноки сифати об дар

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

объектҳои об ва чорабиниҳо оид ба ноил гардидан ба онҳо, ҷамъоварии иттилоот дар бораи истифодабарии майдонҳои обҷамъшаванда бо мақсади хоҷагидорӣ, ҷамъоварии оби тоза аз объектҳои об ва партофтани обҳои партов ба объектҳои обии ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда анҷом дода мешавад, аз он ҷумла:

- тавсифи истифодабарии ҳудуди майдонҳои обҷамъшавандаи ҳавзаи дарё барои соҳаи кишоварзӣ (таркиб ва масоҳати кишти зироат, агротехникаи истифодамешуда, таркиб ва миқёси истифодабарии нуриҳои органикӣ ва минералӣ, агрокимиёии дигар, тарзу услуб ва масоҳати обдиҳӣ ва хушкунӣ, сарчашмаҳои обёрӣ ва қабули обҳои заҳкашӣ, намуд ва миқёсӣ истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ, ҳаҷми истифодабарии об барои мақсадҳои мазкур, ҳаҷм, тарзу услуби нигоҳдорӣ, тозакунии партовҳои маҳсулоти чорвопарварӣ);
- тавсифи истифодабарии захираҳои об ва объектҳои оби ҳавзаи дарё дар саноат (ҳаҷм, тақсимоти яксолаи дохилӣ, динамикаи гирифтани оби тоза ва партофтани обҳои партов, ғунҷоиши обии маҳсулот);
- тавсифи истифодабарии захираҳои об барои мақсадҳои энергетикӣ;
- тавсифи истифодабарии коммуналӣ - маишии захираҳои об ва объектҳои оби ҳавзаи дарё (ҳаҷм, тақсимоти яксолаи дохилӣ ва динамикаи гирифтани оби тоза ва партовҳои канализатсионӣ (обистихроҷӣ-обтаъминкунӣ) истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ, талаф дар шабакаҳои тақсимотӣ);
- тавсифи истифодабарии объектҳои оби ҳавзаи дарё дар соҳаи нақлиёти обӣ (роҳҳои киштигард ва андозаҳои онҳо, мӯҳлати киштиронӣ, ҳаҷми таҳвили бор);
- тавсифи истифодабарии рекреатсионии объектҳои оби ҳавзаи дарё;
- тавсифи ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ҳавзаи дарё (сарҳадҳо ва масоҳат, маҳдудияти фаъолияти хоҷагидорӣ).

25. Сарчашмаҳои иттилоотӣ оид ба дараҷаи истифодабарии захираҳои об ва объектҳои оби ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда дар самти истеҳсолот инҳоянд:

- низоми иттилоотии миллии об;
- кадастри давлатии об;
- кадастри давлатии замин;
- махзани маълумоти мониторинги иҷтимоӣ - гигиенӣ;
- махзани маълумот дар бораи муҳити зист, ифлосшавии он (дар қисмати маълумот дар бораи ҳолати объектҳои об);
- махзани маълумоти мониторинги объектҳои оби зеризаминӣ;
- махзани маълумоти мониторинги иҷтимоию гигиенӣ, ки маълумоти баҳодиҳии сифати оби сарчашмаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва хоҷагидорию маишӣ ва маълумоти баҳодиҳии ҳолати объектҳои об, ки барои мақсадҳои

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.20 23

рекреатсионӣ истифода бурда мешаванд ва дорои захираҳои табиию табобатӣ мебошанд;

- маводди маълумотию таҳлилии, дорои маълумотҳои мониторинг ва таҳлили ҷараёни иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи соҳаҳою бахшҳои иқтисодиёт мебошад;

- пешгӯйии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат;

- барномаҳои вилоятӣ оид ба рушди минтақа;

- барномаҳои давлатӣ, идоравӣ ва барномаҳои дигар оид ба рушди ҳудудҳои кишоварзӣ;

- ҳисобот, нақшаҳо ва барномаҳои ташкилотҳо оид ба татбиқи фаъолияти хоҷагидорӣ, ки бо истифодабарии объектҳои об алоқаманд мебошад;

- маълумот, ки ҳангоми татбиқи назорати истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои об ба даст оварда шудааст;

- иттилоот дар бораи вайронкунии татбиқи бехатари пестисидҳо ва агрокимиё.

26. Бо мақсади барӯйхатгирии имкониятҳои истифодабарии объектҳои обӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо, имкониятҳои ҳифз аз таъсири манфии об ва таҳияи чорабиниҳои дахлдор ҷамъоварии иттилоот дар бораи инфрасохтори хоҷагии оби ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда гузаронда мешавад, аз он ҷумла:

- тавсифи умумии обанборҳои танзимкунанда ва низоми тақсимот (азнавтақсимкунӣ)-и ҷараёни дарё;
- тавсифи иншооти обгир;
- тавсифи иншооти обгир аз обҳои зеризаминӣ;
- тавсифи каналҳои обёрӣ;
- тавсифи системаи заҳбурҳо;
- тавсифи иншоотҳои ҳифзкунанда (зидди обхезӣ).

27. Сарчашмаҳои иттилоотӣ оид ба инфрасохтори хоҷагии оби ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда инҳоянд:

- низоми миллии иттилоотии об;
- феҳристи иншооти хоҷагии об;
- кадастри давлатии об;
- кадастри давлатии замин;
- махзани маълумоти мониторинги иҷтимоию гигиенӣ;
- махзани маълумот дар бораи муқаррар кардани низоми гузаронидани обхезӣ, обсардеҳии махсус, обпуркунӣ ва обпартоии аз обанборҳо;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

- ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ ва пешазлоиҳавӣ дар бораи сохтмон ва азнавсозии объектҳои хоҷагии об;
- маълумоти вазорату идораҳои дахлдор.

28. Бо мақсади гузарондани таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба истифодабарии объектҳои об, таҳияи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои об, баҳодиҳии иқтисодии номгӯйи эҳтимолии чорабиниҳои хоҷагии об ва чорабиниҳое, ки барои нигоҳ доштан ва барқарор кардани объектҳои об, таъмини кори устувори системаи хоҷагии оби ҳавзаи дарё ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҳадафноки сифати об дар объектҳои об, муқаррар кардани ҳаҷмҳои эҳтимолии захираҳои молиявӣ, ки барои татбиқи нақшаҳо зарур мебошанд, ҷамъоварии иттилооти иқтисодӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодабарии об дар ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда гузаронда мешавад, аз он ҷумла:

- тавсифи иҷозатномаҳои пешниҳодгардида барои истифодабарии махсуси об ва истифодабарии махсуси объектхои об ё қисмҳои онҳо;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки масъалаҳои истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои об ва ҳимояро аз таъсири манфии об ба танзим медароранд;
- тавсифи самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуди ҳавз, ки ба сарборӣ ба объектҳои об (тағйир ёфтани шумораи аҳолӣ, нақшаю барномаҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист) таъсир мерасонанд;
- тавсифи низоми идоракунӣ оид ба истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои об, ҳифз аз таъсири манфии об дар ҳавзаи дарёии мавриди баррасӣ қарордодашуда.

29. Сарчашмаҳои иттилооти иҷтимоию иқтисодӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодабарии об дар ҳудуди ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда инҳоянд:

- низоми миллии иттилоотии об;
- маводди маълумотию таҳлилӣ, ки маълумоти мониторинг ва таҳлили ҷараёни иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи соҳаҳою бахшҳои иқтисодиётро дар бар мегиранд;
- пешгӯйии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаҳою бахшҳои иқтисодиёт дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат;
- стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояту ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барномаҳои рушди давлатӣ;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.20 23

- барномаҳои давлатӣ, идоравӣ ва барномаҳои дигар оид ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ;

- барномаҳои вилоятию ноҳиявӣ дар бораи чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об;

- нақшаю барномаҳо оид ба фаъолияти хоҷагии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба ҳолати объектҳои обӣ таъсир мерасонанд, инчунин талабот нисбат ба нишондиҳандаҳои истифодабарии обро пешниҳод менамоянд;

- феҳристи давлатии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- натиҷаҳои корҳои каблан анҷомдодани илмию тадқиқотӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои обӣ ва дар маҷмуъ истифода бурдани захираҳои об.

30. Яке аз вазифаҳои асосии марҳилаи якум ин ошкор кардани норасоиҳои иттилооти зарурӣ, ки барои мақсадҳои таҳияи нақшаҳо, барномаҳои рушди мониторинг, гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ва кашшофӣ дар ҳудуди ҳавзаи дарёии мавриди баррасӣ қарордодашуда мебошад.

31. Дар марҳилаи дуюми таҳияи нақшаҳо ошкор ва ба тартибдарории мушкилот вобаста ба аҳамиятнокиашон анҷом дода мешаванд, аз он ҷумла дар самтҳои зерин:

- истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои обӣ;

- мавҷудияти захираҳои об, дастрасии истифодабарии онҳо;

- нишонаҳои таъсири манфии об.

32. Шумораи объектҳои оби ҷудокардашуда бояд оқилона аз рӯйи нишондодҳои таъиншуда маҳдуд карда шаванд. Яке аз нишондоди дарё майдони ҳудуди ҷамъоварии обҳо мебошад, ки чун қоида набояд аз 1000 км$^2$ камтар бошад. Нишондоди камтарини обанбор (кӯл, ҳавз, обанбор) масоҳати сатҳи оби он мебошад, ки чун қоида набояд аз 1 км$^2$ камтар бошад.

33. Дар асоси таҳлили иттилооти ҷамъовардашуда дар рафти таҳияи Нақша муқарраркунии сарбории антропогенӣ дар объектҳои обии ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда ва баҳогузории ҳолати онҳо гузаронда мешавад. Ҳангоми баҳодиҳии ҳолати объектҳои об ҳам дар шароити муосир ва ҳам дар оянда натиҷаҳои ҳисоби тавозуни хоҷагии об, инчунин тавозуни моддаҳои ифлоскунанда ва микроорганизмҳое, ки ба объектҳои об бо обҳои партов, ё ин ки бо тарзи дигар дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ чи дар ҳудуди ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда ва чӣ берун аз он ворид мегарданд, истифода бурда мешаванд. Ҳангоми баҳодиҳии ҳолати воқеӣ ва пешгӯйии объектҳои об ҳисобкунии меъёрҳои таъсири ҷоиз ба объектҳои об ба инобат гирифта мешаванд.

34. Дар ҳолате, ки хатти ҳисобии охири дарёи асосии як ҳавзаи дарё барои ҳавзаи дарёи дигар хатти ҳисобии воридотӣ мегардад, тамоми нишондиҳандаҳои ҳисобӣ, аз он ҷумла нишондиҳандаҳои мақсаднокӣ

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

сифати об бояд дар нақшаҳо барои ҳар як ҳавзаи зикргардида пурра якхела бошанд.

35. Барои баҳодиҳии қонеъгардонии талаботи истифодабарандагони об ба захираҳои об, баҳодиҳии ҳолати объектҳои об ва ошкор намудани ҳадди истифодабарии онҳо ҳисоби тавозуни хоҷагии оби объектҳои оби ҷудокардашуда, қитъаҳои хоҷагии об, зерҳавзаҳо ва ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда ба амал бароварда мешавад.

36. Тавозунҳои хоҷагии об барои ҳолати муосири истифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои обии ҳавзаи дарё ва ҳолати рушди маҷмаи ҳавзаи хоҷагии об барои марҳилаҳои татбиқи Нақша (5, 10 ва 15 сол) тартиб дода мешаванд.

37. Тавозунҳои хоҷагии об чун қоида дар асоси ҳисоббаробаркунии соҳаи хоҷагии об ва хоҷагиҳои обию энергетикӣ, ки аз рӯйи силсилаи дарозмуддати ҷараёни дарёҳо (аз он ҷумла барқароркардашуда) тартиб дода мешаванд, бо ҳадди аксар ба инобат гирифтани:

- таъсири тақсимоти оби меомадаи шохаи паҳлӯӣ дар ҳудуди минтақаи ҳисобӣ;
- танзими маҷрои дарё;
- тақсимоти дохилисолонаи истеъмоли об ва рафъи обҳои партов
- бухоршавии иловагӣ аз сатҳи оби ҳавзҳо ва обанборҳо;
- талафоти об ҳангоми полоиш.

38. Ҳисоббаробаркунии соҳаи хоҷагии об ва обӣ-энергетикӣ дар давраи серобӣ (баландшавии сатҳи об, обхезӣ) дар фосилаи аз панҷ то даҳ рӯз ва дар давраи камобӣ (пастшавии сатҳи об) – дар фосилаи аз даҳ рӯз то як моҳ анҷом дода мешаванд.

39. Ҳангоми тартиб додани тавозунҳои хоҷагии об дар давраи амали Нақша тавзеҳот дода мешавад, ки хусусияти эҳтимолан тағйир ёфтани маҷрои даврагии табиии дарё, инчунин тағйиёбии иқлим ба инобат гирифта шаванд.

40. Дар сурати норасоии иттилооти ибтидоӣ барои ба амал баровардани талаботи банди 37 Дастури методӣ, ҳисоби хоҷагии об тибқи тарзу услуби содакардашуда анҷом меёбад. Барои солҳои таъминоти обиашон муайян (50%, 75%, 95% 97%), бо назардошти таъсири чорабиниҳои агро-ҷангалӣ ва мелиоративӣ дар обҷамъгоҳи маҷрои дарё, ҳисобкунии танзими маҷрои дарё, бо эҳтимолияти тақсимоти дохилии солонаи истифодабарии об ва оббарорӣ, бо ҳисобкунии содакардашудаи бухоршавии об аз сатҳи ҳавзҳо ва обанборҳо ва талафоти об тариқи полоиши он.

41. Ҳисоби тавозунҳои хоҷагии об дар қитъаҳои хоҷагии об, зерҳавзаҳо ва ҳавзаи дарёҳо, ки барои онҳо нақшаҳо таҳия карда мешаванд, ҳисоби таъсири эҳтимолии манфии об, ҳисоби самаранокии гурӯҳи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.20 23

гуногуни чорабиниҳои хоҷагии об ва дигар ҳисобҳо бо истифода аз моделҳои математикии компютерӣ сурат мегиранд, ки имконият медиҳанд барои сенарияҳои гуногуни рушди вазъи гидрометеорологӣ ва хоҷагии об моделсозӣ карда шаванд, аз он ҷумла раванди пайдоиши ҷараёни об, амал кардани системаи хоҷагии об, тағйироти нишондиҳандаҳои ададӣ ва сифатии ҳолати объектҳои об, зери об мондани ҳудудҳо ба амал бароварда мешаванд.

42. Таҳлили таъсири ҳолати объектҳои об ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳудуди ҳавзаи дарёи мавриди баррасӣ қарордодашуда гузаронда мешавад. Омилҳои ба об алоқаманд, ки ба тезутунд гардидани шиддати иҷтимоӣ, омилҳое ки ба ҳайси маҳдудкунандаи рушди иқтисодӣ (паст гардидани сифати ҳаёт, афзоиш ёфтани беморӣ, камчинии оби нушокӣ ё барои таъмини хоҷагию маишӣ, камчинии захираҳои об барои рушди намуди асосии истеҳсолот) таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд, ошкор карда мешаванд.

43. Дар асоси баҳодиҳиҳо, ҳисобҳо ва таҳлилҳои гузаронидашуда мушкилоти вазъи экологии объектҳои об ва таъминоти об дар сатҳи муосир ва оянда (аз он ҷумла мушкилоти дорои хусусияти иттилоотӣ, технологӣ, идоракунӣ ва институтсионалӣ) ошкор ва муайян карда мешаванд.

44. Бо мақсади муайян кардани мушкилоти таъсири манфии об, пеш аз ҳама, намудҳои чунини таъсир дар ҳавзаи баррасишаванда дар шароити муосир ё дар оянда метавонанд ба амал оянд (обхезӣ ва зери об мондани маҳалҳои аҳолинишин, объектҳои саноатӣ, заминҳои кишоварзӣ, харобшавии соҳилҳои объектҳои об, таъсири манфии обҳои serизаминӣ ва рӯйизаминии ба биноҳо ва иншоот) муайян карда мешаванд. Афзалият ба масъалаҳои таъсири манфии об, ки ба обхезӣ бо сабаби баланд шудани сатҳи об алоқамандана, дода мешавад.

45. Ҳангоми муайян кардани мушкилоти марбут ба обхезӣ ва таҳияи чораҳои мубориза бар зидди он, бояд принсипҳои асосии пешгирии устувори обхезӣ ва коҳиш додани оқибатҳои он, аз он ҷумла аз обхезӣ пешгирӣ кардани тамоми ҳавзаи ҷамъоварии об, мутобиқ кардани тарзу услубҳои идоракунии минтақаи зериобшаванда ба хатарҳои мавҷуда, қабул кардани тадбирҳои пешгирикунанда оид ба коҳиш додани оқибатҳои манфии обхезӣ барои объектҳои об ва экосистемаҳои обӣ дастрас карда мешавад.

46. Баҳодиҳии хатари обхезӣ бояд ба консепсияи кам кардани хатари зарар аз обхезӣ, ки ҳамчун натиҷаи зарари обхезӣ (ҷузъи табиӣ) ва арзиши умумии ҳамаи объектҳои ҳангоми обхезӣ дар минтақаи хатар харобшуда (ҷузъи антропогенӣ - осебпазирӣ, аз ҷумла зарари моддӣ ва талафи инсонӣ) муайян карда мешавад, асос меёбад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.20 23

47. Барои татбиқи муқаррароти банди 46 Дастури методии мазкур, ноҳиябандии ҳудуди ҳавзаи дарё, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аз рӯйи дараҷаи хатари обхезӣ ва арзёбии тақрибии шумораи аҳолӣ ва сарватҳои моддие, ки оянда дар минтақаҳои обхезии эҳтимолӣ ҳангоми таъминоти сатҳи ҳадди аксари об ба 50%, 25%, 10%, 5%, 3 (2)% ва 1% будан мувофиқат мекунанд, гузаронида мешавад.

48. Дар асоси арзёбиҳо, ҳисобҳо ва таҳлилҳои гузаронидашуда мушкилоти таъсири манфии об, аз ҷумла мушкилоти хусусияти иттилоотӣ, технологӣ, идоракунӣ ва ғайра дошта ошкор ва муайян карда мешаванд.

49. Мушкилоти таъсири манфии обҳо дар ҳавзаи дарё, ки мавриди баррасӣ қарор мегирад, дар вақти таҳияи Нақша ва дурнамои он (мушкилоти эҳтимолӣ бо дар назар доштани рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои ҳавзаи дарё, тағйири шароити иқлим) ба қайд гирифта мешаванд.

50. Мушкилоти муайяншуда, бо нишон додани бузургиҳои ададӣ ва сабабҳои пайдоиши онҳо возеҳу равшан ва бо нишондодҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

- мушкилоти ҳолати экологии объектҳои об;
- мушкилоти таъминоти об дар соҳаҳои нӯшокӣ ва хоҷагию маишӣ, обёрӣ, саноат ва энергетика;
- мушкилоти таъсири манфии об, ба монанди обхезиҳо, шустани соҳилҳо, таъсири хавфнокӣ обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ ба иншоот;
- мушкилоти хусусияти ташкилию идоракунӣ (иттилоотӣ, технологӣ, таҳлилӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, институтсионалӣ) дошта.

51. Арзёбии ҳамаҷонибаи муқоисавии мушкилот ва батартибдарории онҳо аз рӯйи афзалиятҳои ҳалли масъалаҳо оид ба меъёрҳои экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ гузаронда мешаванд, мушкилоте, ки барои ҳавзаи дарё баррасӣ мешаванд, бояд калидӣ бошад, барои ҳаллу фасли онҳо чорабиниҳои Нақша равона карда шаванд.

52. Дар марҳилаи сеюми таҳияи Нақша, ҳадафҳои асосии татбиқи тадбирҳои хоҷагии об ва ҳифзи об, чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири манфии об, ки ба ҳалли мушкилоти асосии дар банди 50 Дастури методии мазкур равона карда шудааст, бо баҳодиҳии дастёбии онҳо дар давраи иҷрои Нақша нишон дода шуда, нишондиҳандаҳои ҳадафноки ададӣ барои марҳилаҳои то татбиқи Нақша муқаррар карда мешаванд

53. Таҳияи мақсадҳои зерин тавсифи ҳолати мақсадноки ҳавзаи дарёро дар бар мегирад, ки ҳангоми ҳалли мушкилоти асосӣ дар давраи иҷрои Нақша ба даст оварда шудаанд:

- барои ҳалли ҳар яке аз мушкилоти асосии муайяншуда муқаррар карда мешаванд;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.20 23

- дар нишондиҳандаҳои миқдории ченшаванда, ки имконияти ба даст овардани назорати марҳила ба марҳиларо пешбинӣ менамояд, тақвият меёбад;

- воқеият, яъне мувозинатро бо захираҳое, ки барои ҳалли мушкилоти муайяншуда зарур мебошад, инъикос мекунад.

54. Ҳадафҳои тақвиятдодашуда тавассути муайян кардани нишондиҳандаҳои ҳадафнок мушаххас карда мешаванд.

55. Нишондиҳандаҳои ҳадафнок инҳоянд:

- нишондиҳандаҳои ҳадафноки сифати об дар объектҳои оби ҳавзаи дарёи баррасишаванда;

- нишондиҳандаҳои ҳадафноки асосии коҳиш додани таъсири манфии обхезӣ ва дигар намудҳои таъсири манфии об.

56. Системаи нишондиҳандаҳои ҳадафноки асосӣ дар Нақша метавонад дар самти муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳадафнок барои ҳолати объектҳои об дар ҳавзаи баррасишавандаи дарё, рушди системаи мониторинги объектҳои об, таъминоти аҳолӣ ва объектҳои иқтисодӣ бо об, рушди инфрасохтори ҳавзаи дарё бо нишондиҳандаҳои ҳадафноки молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вусъат дода шавад.

57. Муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳадафнок баррасии якчанд имконияти алтернативии барномаҳои чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи обро бо баҳодиҳии дастрасӣ ва самаранокии ҳар яки онҳо пешбинӣ менамояд.

58. Ҳангоми таҳияи Нақша ҳолатҳои мақсадноки зерини объектҳои обии ҳавзаи дарёи баррасишаванда дида баромада мешаванд:

- нигоҳ доштани арзишҳои нишондиҳандаҳои истифода ва ҳифзи объектҳои об дар сатҳи арзишҳое, ки дар вақти таҳияи Нақша ба амал омадаанд (муътадил гардондани вазъият, роҳ надодан ба бадшавии ҳолати объектҳои об);

- ноил гардидан ба арзишҳои нишондиҳандаҳои объектҳои об, ки ба ҳолати табиии онҳо мувофиқ мебошад (барои объектҳои оби табиӣ) ё дастрасӣ кардан ба иқтидори ҳадди экологӣ (барои объектҳои оби ба таври назаррас тағйирёфта ё сунъӣ, ҳангоми барқарорсозии пурраи объектҳои об);

- ноил шудан ба ҳадафҳои миёнаи мақсадноки ҳолати объектҳои об, бо дар назар доштани дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо ва захираҳои мавҷуда (марҳила ба марҳила беҳтар гардидани ҳолати объектҳои об).

59. Муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳадафнок дар асоси баҳодиҳии мухтасари дастрас будани маҷмуи нишондиҳандаҳо дар асоси пешгӯиҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои дар ҳудуди ҳавзаи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.20 23

дарё ҷойгиршуда ва имкониятҳои мавҷудаи маблағгузории чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об амалӣ карда мешавад.

60. Дар марҳилаи чоруми таҳияи Нақша, таҳияи вариантҳои барномаҳои чорабиниҳо оид ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои об, таъмини фаъолияти устувори системаи хоҷагии об дар ҳудуди ҳавзаи дарё, ки мавриди баррасӣ қарор мегиранд ба амал баровarда мешаванд, ки марҳила ба марҳила ноил шудан ба нишондиҳандаҳои ҳадафнокро, ки дар марҳилаи сеюми таҳияи Нақша муайян карда мешаванд, таъмин месозад.

61. Иҷрои марҳилаи чорум таҳияи якчанд варианти барномаҳои тадбирҳоро оид ба роҳҳои имконпазири гуногуншакли ноил шудан ба нишондиҳандаҳои ҳадафноки муқарраршудаи сифати об дар объектҳои оби ҳавзаи дарё, коҳиш додани таъсири манфии оқибатҳои обхез ва намудҳои дигари таъсири манфии об, инчунин дигар нишондиҳандаҳои ҳадафнок, ки онҳо дар марҳилаи сеюми таҳияи Нақша муқаррар карда шудаанд, пешбинӣ менамояд.

62. Барои ҳар як намуди чорабиниҳо бояд муайян карда шавад:

- меъёрҳои гирифтани захираҳои об аз объектҳои об аз ҷониби минтақаҳои хоҷагии оби ҳавзаи дарё;

- меъёрҳои гирифтани захираҳои об аз объектҳои об, ки ба ҳар як вилоят ва ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як қитъаи хоҷагии оби ҳавзаи дарёи баррасишаванда ҷудо карда шудаанд;

- меъёрҳои партофтани обҳои партов, ки ба стандартҳои сифат мувофиқанд, ба объектҳои оби дар минтақаҳои хоҷагии оби ҳавзаи дарё ҷойгиршуда;

- меъёрҳои партофтани обҳои партов, ки ба меъёрҳои сифат мувофиқанд ба объектҳои обе, ки ба ҳар як вилоят ва ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як қитъаи хоҷагии оби ҳавзаи дарёи баррасишаванда ҷудо карда шудаанд.

63. Ҳадди меъёри оби ба ҳар як вилоят ва ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як қитъаи хоҷагии оби ҷудо кардашуда набояд аз ҳадди меъёри дахлдори ин минтақа зиёд бошад.

64. Барномаҳои чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об, чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири манфии об тадбирҳои самти зеринро дар бар мегиранд:

- чорабиниҳои асосӣ;
- чорабиниҳои институтсионалӣ;
- чорабиниҳо оид ба такмили идоракунии фаврӣ;
- чорабиниҳои сохторӣ (барои сохтмон ва таҷдиди иншоот).

65. Дар доираи чорабиниҳо асосӣ метавонанд намудҳои чорабиниҳои зайл баррасӣ карда шаванд:

- ҳамоҳангкунӣ, гурӯҳбандии объектҳои об аз рӯйи навъ ва ҳолат;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

- такмили баҳисобгирии захираҳои об ва истифодаи онҳо;

- рушди заминаи илмию методии идоракунии истифода ва ҳифзи объектҳои об, аз ҷумла коркарди механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии истифодаи самарабахши об;

- барқарорсозӣ ва рушди шабакаи назоратии ҳолати объектҳои об ва системаҳои хоҷагии об;

- коркади амсилаҳои муқаллид (иммитатсионӣ)-и математикӣ;

- ҳаммонанд кардани ҳудудҳои ба обхезӣ дучормешуда, тасниф ва харитакашии онҳо;

- коркад ва рушди системаҳои иттилоотии ҷуғрофии ҳавзавӣ;

- барномаҳои таълимӣ;

- таъмини ҳамоҳангсозии татбиқи чорабиниҳои Нақша.

66. Дар доираи чорабиниҳои институтсионалӣ метавонанд намудҳои чорабиниҳои зайл баррасӣ карда шаванд:

- чорабиниҳое, ки ба риояи меъёрҳои муқарраршудаи гирифтани об аз объектҳои об ва партофтани обҳои партов нигаронида шудаанд;

- рушди заминаи меъёрию техникии кори маҷмаи хоҷагии об ва танзими истифодаи об (аз он ҷумла такмили ҳуҷҷатҳои техникӣ дар соҳаи сохтмон, таҳияи қоидаҳои истифодаи захираҳои оби обанборҳо ва системаҳои хоҷагии об, қоидаҳои истифодаи техникӣ ва ободонии обанборҳо);

- таҳияи қоидаҳо, барномаҳо, нақшаҳои амал дар ҳолатҳои фавқулодаи камобӣ ва серобӣ (аз ҷумла пешгӯиии саривақтии гидрологӣ, танзими тартиби тақсимоти об ва истифодаи манбаъҳои захиравии обтаъминкунӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии системаҳои обрасонӣ, муайян кардани манбаъҳои алтернативӣ ё иловагии таъминоти об);

- танзими истифода (захиракуни)-и ҳудудҳо, ки эҳтимоли зери об мондани онҳо мавҷуд мебошад;

- танзими истифодаи заминҳои минтақаҳои ҳифзи объектҳои об (аз ҷумла ҷойгиркунӣ ва ободонии онҳо) ва майдонҳои обҷамъшаванда бо мақсади пешгирии ифлосшавӣ ва камобшавии объектҳои об;

- танзими истифодаи соҳилҳо ва қаъри объектҳои об;

- ба тартибандозии ҳаҷм ва қоидаи татбиқи чорабиниҳои назоратӣ, ки ба ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавӣ ва камшавӣ, инчунин барои таъмини амнияти инфрасохтори об нигаронида шудаанд;

- рушди низоми суғуртакуни ба хавфи таъсири манфии об алоқаманд.

67. Дар доираи чорабиниҳо оид ба такмили идоракунии ҷории истифода ва ҳифзи объектҳои об метавонанд намудҳои чорабиниҳои зайл баррасӣ карда шаванд:

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.2023

- рушди ҳамаҷонибаи системаи мониторинги давлатии объектҳои об дар ҳавзаи дарё, аз ҷумла такмили заминаи лабораторӣ ва таҳлилӣ, баланд бардоштани самаранокии он;

- рушди низоми назорати давлатии истифода ва ҳифзи объектҳои об, фаъолияти дигар, ки ба ҳолати объектҳои об ва захираҳои об таъсир мерасонанд;

- рушди системаҳои худкори идоракунӣ оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об дар асоси ҷорӣ намудани воситаҳои математикӣ ва пешгӯйии ҳолати ҳавзаи дарё, истифодаи пурра ва ҷории маълумоти мониторинги давлатии объектҳои об, инчунин назорати давлатии истифода ва ҳифзи объектҳои об;

- таъмини рушд ва пешбурди низоми миллии иттилоотии об вобаста ба маълумоти марбут ба ҳавзаи дарёи баррасишаванда;

- рушди низоми иттилооти ҷорӣ ва огоҳонии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, истифодабарандагони об ва аҳолӣ дар бораи ҳолати объектҳои об ва хавфи таъсири манфии об;

- корҳо оид ба тозакунӣ ва барқарорсозии маҷрои объектҳои об, барқарорсозии қобилияти обҷамъкунии дарёбодҳо;

- корҳо оид ба таъмир ва барқарорсозии хусусиятҳои лоиҳавии иншооти мавҷудаи об, муҷаҳҳаз сохтани онҳо бо дастгоҳҳои муосири назоратӣ - ченкунӣ.

68. Дар доираи чорабиниҳои сохторӣ метавонанд намудҳои чорабиниҳои зайл баррасӣ карда шаванд:

- сохтмон ва таҷдиди системаҳои хоҷагии об, аз он ҷумла сохтмони иншооти гидротехникӣ, тахияи нишондиҳандаҳои лоиҳавӣ (таҷдид)-и навин ва тағйирдодашудаи зарфҳои мавҷудаи танзимӣ (обанборҳо ва ҳавзҳо);

- сохтмон ва таҷдиди иншоот барои тақсимоти ҷараёни оби байни ҳавзавӣ;

- сохтмон ва таҷдиди иншооти тозакунӣ;

- корҳои чуқуркунии қаър ва росткунии маҷрои дарё;

- сохтмон ва таҷдиди асосии иншооти ҳифз ва мустаҳкамкунандаи соҳил;

- сохтмон ва таҷдиди иншооти зидди обхезӣ ва иншооти дигари гидротехникӣ, ки барои пешгирии таъсири манфии об пешбинӣ шудаанд.

69. Ҳар як чорабиние, ки ба лоиҳаи Нақша дохил карда мешавад, бояд барои ҳалли мушкилоти асосии ошкоргардида ва барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҳадафноки муқарраршуда хизмат кунад. Ҳамзамон як чорабинӣ метавонад барои ҳалли як ё якчанд мушкилот ва ноил шудан ба як ё якчанд нишондиҳандаҳои ҳадафнок хизмат намояд. Лоиҳаи Нақша набояд мушкилоти асосӣ ва нишондиҳандаҳои ҳадафнок,

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
"6" 07 с.2023

ки барои онҳо ягон тадбири дахлдор муайян карда нашудааст, инчунин ягон чорабиние, ки барои ҳалли ягон мушкилоти асосӣ хизмат намекунад ва барои ноил шудан ба ягон нишондиҳандаи ҳадафнок равона карда нашудааст, дар бар гирад.

70. Ҳангоми тартиб додани вариантҳои барномаҳои чорабиниҳое, ки дар лоиҳаи Нақша пешбинӣ мешаванд, пешниҳоди мақомоти манфиатдори ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, истифодабарандагони об, ки ба ҳайати шӯрои ҳавзаи дарё дохил буда, бо тариқи муқарраршуда ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 3 моҳ пас аз ирсоли ҳисоботи таҳлилии ҳолати мақсадноки ҳавзаи дарё, мақсаду ҳадафҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ҳадафноки ба даст овардани он пешниҳод карда мешавад, ба инобат гирифта шуда, барои баррасӣ ба шурои ҳавзаи дарё ирсол карда мешавад.

71. Дар ҳар як чорабиние, ки ба лоиҳаи Нақша дохил карда шудааст, бояд қайд карда шаванд:

- минтақаи хоҷагии об ва объекти об, ки дар он чорабинӣ гузаронида мешавад;
- мушкилоти калидии ҳалшаванда ва нишондиҳандаҳои ҳадафнок, ки барои ноил шудан ба он чорабинӣ равона карда шудааст;
- мӯҳлат ва марҳилаҳои татбиқи чорабиниҳо;
- ҳаҷми корҳо оид ба татбиқи чорабиниҳо (км, м$^3$);
- арзёбӣ (баҳодиҳӣ)-и хароҷоти зарурии молиявӣ барои татбиқи чорабиниҳо;
- манбаъҳои эҳтимолии маблағгузории чорабиниҳо.

72. Баҳодиҳии ҳаҷми тахминии захираҳои молиявӣ, ки барои татбиқи чорабиниҳо заруранд, дар асоси нишондиҳандаҳои мухтасари арзиши чорабиниҳои хоҷагии об ва тадбирҳои ҳифзи об, инчунин аз рӯйи нархҳои мухтасари иҷрои намудҳои гуногуни кор гузаронда мешаванд.

73. Дар Нақша ҳамчун сарчашмаҳои маблағгузории чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи он метавонанд бошанд:

- буҷети ҷумҳуриявӣ;
- буҷети вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- сарчашма (манбаъ)-ҳои дигари маблағгузорӣ.

74. Барои муайян намудани ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҳадафнок ва интихоби минбаъдаи варианти мувофиқи барномаҳои татбиқи чорабиниҳои хоҷагии об ва ҳифзи об, аз рӯйи ҳар як варианти алтернативии таҳияшуда, таркиб, ҳаҷми умумии корҳое, ки барои иҷро намудан зарур аст, инчунин арзиши умумии чорабиниҳо аз рӯйи сарчашмаҳои молиявӣ ва солҳои татбиқи Нақша, муайян карда мешаванд.

75. Дар марҳилаи панҷум арзёбии муқоисавии иҷтимоию иқтисодии вариантҳои барномаи чорабиниҳое, ки дар марҳилаи чоруми таҳияи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
“6” 07 с.2023

Нақша муайян шудаанд, аз ҷумла арзёбии хароҷоти молиявӣ, ҳаҷми сарфаи об, ҳаҷми зарари пешгиришаванда ва имтиёзҳои дигар, тағйироти сифати ҳаёт дар ҳавзаи баррасишаванда, аз ҷиҳати экологӣ ва иҷтимоӣ қобили қабул будани ҳар як варианти барномаи фаъолият ва ҳар як чорабинии дар барнома пешбинишуда гузаронда мешавад.

76. Арзёбии ҳамаҷониба (ҳамгироёна) ба ҳар як варианти барномаи чорабиниҳо дар асоси усулҳое сурат мегирад, ки имкон медиҳанд на танҳо омилҳои молиявию иқтисодӣ, балки омилҳои экологӣ ва иҷтимоиро низ дар бар гирад.

77. Ҳангоми гузарондани арзёбии ҳамаҷонибаи варианти чорабиниҳо, таваҷҷуҳи махсус бояд ба асосноккунии воқеияти татбиқи онҳо дар мӯҳлати муқарраршуда бо дар назар доштани захираҳои мавҷудаи об, захираҳои молиявӣ, иқтидори саноатӣ, зеҳнӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва инсонии ҳудуди ҳавзаи мавриди баррасӣ қарордошта зоҳир карда шавад.

78. Натиҷаҳои арзёбии вариантҳои чорабиниҳо дар ҷадвали муқоисавӣ (матритсаи арзёбӣ), ки маҳакҳои асосиро инъикос дода, тавассути онҳо интихоб аз номгӯйи пешниҳодгардидаи барномаи чорабиниҳо имконпазир мегардад, ҷамъбаст карда мешавад.

79. Натиҷаҳои иҷрои марҳилаҳои чорум ва панҷуми таҳияи лоиҳаи Нақша дар маърузаи муқоисавии "Вариантҳои барномаҳои чорабиниҳо оид ба расидан ба ҳолати мақсадноки ҳавзаи дарё, нишондиҳандаҳои асосии экологӣ, техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, арзёбии мукоисавии маҷмуӣ" ва замимаҳо ба он (аз рӯйи шумораи вариантҳои алтернативии барномаҳои чорабиниҳо) дарҷ меёбанд.

80. Дар марҳилаи шашуми таҳияи Нақша, интихоби варианти асосии барномаи чорабиниҳо, ки бояд ба амал бароварда шавад, интихоб гардида, муқаррароти асосии Нақша муайян карда шуда, марҳилаҳои иҷрои он қайд шуда, системаи нишондиҳандаҳои ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои ҳадафнок таҳия карда мешавад ва бо ҳамин ҳуҷҷатгузории ниҳоии лоиҳаи Нақша анҷом меёбад.

81. Таҳияи лоиҳаи ниҳоии Нақша дар асоси натиҷаҳои арзёбии муқоисавии ҳамаҷонибаи вариантҳои барномаҳои чорабиниҳо оид ба ноил шудан ба ҳолати мақсадноки ҳавзаи дарё сурат мегирад.

82. Ҳангоми омода намудани ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии лоиҳаи Нақша:

- муқаррароти асосии нақша таҳия карда мешавад;

- марҳилаҳои татбиқи он ва нишондиҳандаҳои ҳадафноки дахлдор қайд карда мешаванд;

- меъёри гирифтани захираҳои об аз объектҳои об, партофти оби партов ба объектҳои оби ҳавзаи дарё, ки ба меъёрҳои сифат мувофиқат мекунанд, дақиқ карда мешавад;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1244
«6» 07 с.2023

- хароҷоти зарурии молиявӣ барои анҷоми чорабиниҳои Нақша дақиқ карда мешаванд;

- арзёбии умумии оқибатҳои эҳтимолии анҷоми чорабиниҳои Нақша нисбат ба муҳити зист таҳия карда мешавад;

- нақша-тарҳи чорабиниҳои Нақша аз рӯйи тамоми намудҳои захираҳо, ки пайдарпайӣ ва алоқамандии чорабиниҳо, мухлати татбиқ ва натиҷаҳои ҳар як чорабинӣ, масъули анҷоми ҳар як чорабинӣ, ҷадвали маблағгузории чорабиниҳоро муайян месозад, таҳия карда мешавад.

## 3. ОМОДАГӢ БА ТАСДИҚ ВА ТАТБИҚИ НАҚША

83. Ҳангоми омодагӣ ба тасдиқи Нақша амалиётҳои зерин гузаронида мешаванд:

